03 07 2019



**Рох ба сӯи сулху вахдат барои Точикистон осон набуд. То огози музокирот як тачрибаи санчидашудае вучуд надошт. Сарвари чавони давлат Эмомалӣ Рахмон он вакт танхо ду ситораи кутбнамо дошт - яке Конститутсия, дигаре иродаи устувори сулххохонаи халки Точикистон.**

Барои миллати точик Рӯзи Вахдати миллӣ арзишмандтарин санаи таърихист. 27 июни соли 1997 ба шарофати хиради азалии точикон дар шахри Москва Созишномаи умумии истикрори сулх ва ризоияти миллӣ дар Точикистон ба имзо расид ва хамин тавр, ба чанги тахмилии шахрвандӣ миёни фарзандони як миллат хотима гузошта шуд.
Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар суханрониашон дар Конфронси байналмилалӣ бахшида ба панчумин солгарди имзои Созишномаи умумии истикрори сулх ва ризоияти миллӣ дар Точикистон ва намунаи ибрати он барои Афгонистон 17 июни соли 2002 чунин гуфта буданд: “ 27 июн, бешубха, дар таърихи мамлакати мо хамчун санае сабт хохад ёфт, ки фочиаи аз сар гузарондаи мо,  зарурати хамеша хифз намудани сулху осоиш ва тахкими вахдати миллӣ ва истиклолияти мамлакатро хотиррасон месозад”.
Музокирот бо мухолифин аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар Афгонистон,

Покистон, Эрон, Казокистон, Киргизистон, Россия, Туркманистон давом кард. Барои ба сулху субот расидан 9 давраи музокирот, 6 мулокоти сарон ва 21 музокироти хайатхо сурат гирифт, 40 санад ба имзо расид, ки такдири ояндаи давлати точикон ва таъмини сулху салохро дар Точикистон хал намуд. Сарзамини Точикистон пур аз ганч аст, аммо барои давлату миллати точик аз вахдати миллӣ дида гаронбахотар ганче нест!      Бино ба маълумотхо, чанги шахрвандии тахмилӣ ба иктисодиёти кишвар ба микдори беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зарари моддӣ расонд. Чанд хазор шахрвандони  Точикистон курбон шуда, зиёда аз 30 хазор хонахои истикоматӣ сӯзонда, бинохою иншоот, корхонаю фабрикахо, муассисахои тиббӣ, маориф ва идорахои давлатӣ хароб гардида, 55 хазор кӯдак ятим монд.

Бо имзо шудани Созишномаи умумии истикрори сулх ва ризоияти миллӣ дар они як вакт Точикистон ба сулху субот нарасид. Ба Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон лозим омад, ки барои таъмини сулхи сартосарӣ, фазои боварӣ ва эътимод ба хамдигар, аз байн бурдани кину адоват, бадбинӣ ва даргирихои мусаллахона, фахмондани хадафхои сулх ва вахдати миллӣ, халъи силох намудан ва дар амал татбик намудани созишномаи имзошуда, таъмини заминаи мусоид  барои рушди иктисодию ичтимоии кишвар ба мехнати вазнини шабонарӯзӣ шурӯъ намояд.

Куввахои посдори сулхи Иттиходи Давлатхои Мустакил, миёнаравихои самарабахши Созмони Милали Муттахид, Созмони Амният ва Хамкорӣ дар Аврупо, Созмони конфронси исломӣ, Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх барои бархам додани мунокишаи точикон накши калоне бозиданд. Миллати точик тахдиди аз байн рафтани давлатро эхсос намуда, дар атрофи фарзанди фарзонаи худ Эмомалӣ Рахмон муттахид шуда, давлати миллии худро, ки натичаи орзую ормонхои хазорсола буд, аз хатари порокандашавӣ эмин нигах дошт.

Аз рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истикрори сулх ва ризоияти миллӣ дар таърихи давлати тозаистиклоли точикон мархилаи сифатан нав огоз гардид. Ба даст омадани сулху субот ва ибтидои раванди вахдати миллӣ барои ташкили ниходхои давлатӣ ва мустахкам намудани онхо шароити мусоид ба миён овард. Раванди сулх ба Хукумати Чумхурии Точикистон имкон дод, ки дар самтхои сиёсию иктисодӣ ва ичтимоию фархангӣ дигаргунихои мусбат ба вучуд биёрад. Хисси ифтихори миллӣ, худогохию худшиносӣ, эхсоси ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ ба пояи сиёсати давлатӣ бардошта шуд. Хар соли сипаришуда ба умри сулху субот ва вахдати миллӣ дар Точикистон соле зам мекунад. Ва ахамияти ин санади такдирсоз бо гузашти солхо беш аз пеш меафзояд. Бисту ду соли сипаришуда маълум кард, ки барои давлати точикон ва миллати точик неъмати азизтар ва бузургтаре аз вахдати миллӣ ва сулху суботи чомеа чизи дигаре вучуд надорад.

Имрӯз авзои чахон ноором аст. Дар Сурия, Ирок, Либия, Яман, Миср, Афгонистон мунокишахо идома доранд. Чанг дар ин давлатхо боиси пайдо шудани хазорон гурезахо гардидааст. Мо - точикону точикистониён хамеша бояд дар хотир дошта бошем, ки чунин рӯзхои сахту сангинро аз сар гузарондаем.

Дар чахони имрӯз ифротгароӣ ё экстремизми динӣ, терроризм ба рӯйдодхои чахонӣ табдил ёфта истодаанд. Гурӯххои террористии “Ал-Коида”, “ДИИШ”, ТЭТ ХНИ ва гайра ба амният ва вахдати миллии Точикистон тахдиди бевосита доранд ва кӯшиш менамоянд, ки амнияту суботи Точикистонро осебпазир намоянд. Нуфузи ин ташкилотхои террористӣ рӯ ба афзоиш аст. Ниходи террористии ба ном “Давлати исломӣ” кӯшиши зери тасарруф гирифтани минтакахои нав ба нав дар кишвархои гуногунро дорад,

пахншавии гояхои тундгарой дар Афгонистони хамсоя моро хушдор медихад, ки хамеша хушёру зирак бошем, гирифтори дасисаву фиреби бегонагон нашавем, вахдату суботро боз хам устувортар гардонем.
Мардуми Точикистон гояхои ифротгароёнаи ташкилотхои экстремистию террористиро кабул надоранд ва ба хотири амну суботи кишвар саъю талош меварзанд. Ташкилотхои экстремистӣ миёни мардум замина надоранд ва вахдати миллии мамлакатро халалдор карда наметавонанд.
Тачрибаи талхе, ки миллати точик аз чанги тахмилии шахрвандӣ ба даст овард, ба такрори вокеахои гузашта рох намедихад ва ин тачриба, ин дарси таърих кафолати вахдати миллӣ, якпорчагии Ватан ва пешрафти иктисодӣ,  ичтимоию фархангии кишвар хаст ва хохад монд.
Рӯзи Вахдати миллӣ барои миллати точик танхо ба сифати як чашни таквимӣ нест, балки фаротар аз он, сахифаи таърихест, ки ба ивази захматхои бузурги маънавӣ, курбонихои зиёди чонӣ, машаккат ва сабру тахаммули бекиёс насиби точикон гардидааст.
Дар хар давру замон фарзандони фарзона сулхро барои халку давлаташон пойдор нигох дошта, онро ба тафаккури ахли чомеаашон чой карда тавонистаанд. Дар замони Каёниён Чамшед, дар замони Сомониён Исмоили Сомонӣ ва дар замони мо поягузори давлати сохибистиклоли миллӣ  Эмомалӣ Рахмон аз чумлаи шахсиятхои бузургеанд, ки сулху салох ва вахдатро дар давлатхояшон пойдору баркарор нигах дошта тавонистанд.
Бахри пойдории гояхои вахдати миллӣ дар кишвар талоши хамешагии шахрвандон, зиёиён, диндорон, кормандони васоити ахбори омма, шоирону нависандагон , чавонон, ниходхои чомеаи шахрвандӣ ва падару модарон лозим аст. Холо ки Точикистон ба мархалаи рушди устувор ворид шудааст, андешаи хукмрон дар чомеа бояд андешаи сулху салох, амнияту субот ва вахдати миллӣ бошад. Танхо дар хамин сурат давлату миллати точик сохиби рӯзгори орому осуда мегардад ва шахрвандон метавонанд машгули мехнати созанда бошанд.
Мафхумхои ватану ватандорӣ, истиклолияту озодӣ ва вахдати миллию якпорчагии давлат гояхоеанд, ки шахрвандонро дар атрофи Пешвои муаззами миллат ба хам оварда, ояндаи неки давлати точиконро кафолат медиханд. Танхо дар сурати муттахидӣ, вахдату сарчамъии худ мо аз давлати сохибихтиёр, демократӣ, хукукбунёд, дунявӣ ва ягонаи худ дифоъ намудаву онро пойдор нигах дошта метавонем.
Бисту ду соли баъди имзои Созишномаи истикрори сулх ва ризояти миллӣ собит намуд, ки рохи интихобнамудаи Пешвои миллат барои рушди Точикистон ягона рохи дуруст буд. Онро шахрвандон дастгирӣ намуда, барои татбики амалиаш гайрат доранд. Бисту ду соли пурбаракат, вахдату ягонагӣ, бунёдкориву созандагӣ, пешрафту шукуфой, шодию фарах натичаи сиёсати сулхофарии Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон аст, ки онро бисёр мутафаккирон, сиёсатмадорони сатхи олӣ, сарварони кишвархои хурду абаркудрат дар суханронихояшон бобати сулхи точикон тазаккур додаанд.
Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон аз зумраи рохбаронест, ки шахсияти сиёсияш кадам ба кадам дар пеши назари мардум, хамнафас бо гаму шодии миллат ташаккул ёфта, чойгохи худро ба таври табиӣ дарёфтааст. Мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар огӯши Ватану миллат ва дар сояи дуову дастгирии мардум сабзида, ба таври комилан табиӣ мавриди эътирофу эътибори мардуми худ ва сулхдӯстони дунё карор гирифтааст. Ин аст, ки чехраи ӯ чехраи табиӣ, шахсияти ӯ шахсияти вокеӣ ва хидматхои ӯ хидматхои бунёдӣ мебошанд.

Дар расидан ба ин максади таърихӣ, Рохбари давлат рохеро тай намуд пур аз мушкилот, пур аз печутоб, пур аз тахдиду хатархо, аммо баъд пур аз ифтихор, пур аз мухаббат ва пур аз комёбӣ гашт. Ин аст, ки касе бихохад, то симо, шахсият ва чойгохи ӯро назди мардуми точик дарк намояд, бояд, пеш аз хама, рохи паймудаи ӯ ва хидматхои таърихии ӯро барои ин мардум дарк бисозад. Тахлили хамин рох ва дарки хамин дастовардхо худ ба худ нишон медихад, ки Эмомалӣ Рахмон  кист ва барои мардум ва давлати Точикистон ва сулх дар минтака чӣ чойгох ва чӣ арзише дорад,  зеро имрӯз, вакте дар бораи рохи тайшуда ва дастовардхои бунёдии Точикистон дар мархалаи пурпечутоби Истиклолияти давлатӣ сухан меравад, бешубха, симои ин шахсият пеши назар меояд. Махз хамин нигохи чомеъ ва махз тахлили кадам ба кадами фаъолияти сулхпарваронаи ӯ нишон медихад, ки чаро Эмомалӣ Рахмон Пешвои муаззами миллат аст ва чаро ин макоми ӯ холати табиӣ ва бисёр устувор дорад.

Кадами нахуст ё асоситарин дастоварди давлат ва мардуми Точикистон зери рохбарии Эмомалӣ Рахмон ин аст, ки бо тадбир ва талошхои пайгиронаи ӯ давлатдории миллии точикон аз вартаи нобудӣ начот ёфт. Ин масъала мухимтарин дастоварди таърихи муосири мост, зеро бе доштани давлати миллии мустакили худ тамоми орзую омоли таърихии миллат ва хадафу барномахои насли имрӯзу фардои он маънои худро аз даст медод,  баъди хазор сол таърих барои халки точик имкон фарохам овард, ки бо номи худ давлати миллӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, агар дар он тӯфоне, ки солхои аввали Истиклолияти давлатӣ ба миён омада буд, давлатдории миллии мо аз даст мерафт, моро наслхои оянда харгиз намебахшид.

Дар кадами дуюм бо талошхои Эмомалӣ Рахмон хамчун Сарвари давлат тамомияти арзӣ, яъне ягонагии сарзамини Точикистон хамчун кишвари сохибихтиёр, демократӣ, хукукбунёд, дунявӣ ва ягона хифз карда шуд. Пойтахти кишвар – шахри Душанбе ба хонаи умеди точикони дунё ва точикистониён табдил ёфт. Мохияти сиёсӣ ва рамзии ин дастовард дар он аст, ки номи ӯро дар таърихи давлатдории миллии точикон хамчун начотбахши давлат ва Пешвои миллат човидона гардонд.

Дар кадами сеюм мухтарам Эмомалӣ Рахмон тавонист, ки дар муддати барои таърих бисёр кӯтох низоми мукаммал ва муосири давлатдориро баркарор сохта, аркони давлатдории миллӣ ва ниходхои асосии давлатдории моро эхё намояд. Барои он ки вазъияти онрӯзаи давлатдории кишварамонро вокеънигорона тасвир созем, аз гузориши раиси вакти Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон Акбаршох Искандаров дар Ичлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олӣ иктибос меорем, ки гуфта буд: «Имрӯз дар кишвар макомоти конститутсионӣ амалан фалач шудаанд… Агар ин вазъ идома ёбад, хатари он мавчуд аст, ки Точикистон аз харитаи чугрофиёии чахон умуман нест шавад». Ин буд вазъи вокеии кишвар дар рӯзхои аввали хамчун  Сарвари давлат интихоб шудани Эмомалӣ Рахмон.

Ташаккул ёфтани системаи давлатӣ ва хамчун механизми ягона ба кор даромадани низоми давлатдорӣ яке аз заруратхо ва нишондихандахои асосии барпо шудани давлат ва давлатдорӣ ба хисоб меравад, зеро махз системаи ташаккулёфтаи давлатӣ метавонад кори муназзами институти давлат ва бакои давлатдориро таъмин намояд. Бинобар ин, дар сатхи муосир эхё ва баркарор намудани системаи мукаммали давлатдории точикон яке аз дастовардхои бунёдии Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон, балки яке аз хидматхои мухимтарини ӯ барои давлату миллати точик мебошад. Касоне, ки ба сиёсат ва давлат аз назари касбӣ менигаранд, то чи дарача хаётӣ будани ин дастовардро ба хубӣ дарк менамоянд.

Кадами устувори чоруми Эмомалӣ Рахмон он аст, ки бо часорат ва иродаи катъии ӯ мардуми Точикистон аз вартаи чанги тахмилии дохилии хонумонсӯз рахо гашта, ба вахдати миллӣ расид. Гояи сулх, оштии миллӣ ва афву хамдигарбахшӣ аз мухимтарин паёмхое буданд, ки Сарвари давлат ханӯз дар рӯзи аввали интихобаш ба миён гузошта буд ва ин паёмхо чавхари тамоми барномаю фаъолияти баъдии ӯро ташкил доданд. Хамагон дар ёд доранд, ки Эмомалӣ Рахмон дар хузури вакилони ичлосияи таърихӣ ва дар пешгохи халки шарифи Точикистон савганд ёд кард: «Агар лозим шавад, ба ивази чони худ сулху вахдатро ба Точикистони азиз бозмегардонам ва то даме ки як гурезаи точик дар хорич ба сар мебарад, ором зиндагӣ нахохам кард». Имрӯз шохидем, ки он суханон танхо як шиори сиёсӣ набуданд, балки фарёди самимии як фарзанди халки точик буд, ки дарди чонкохи миллат ва андешаи built начоти Ватан тамоми вучудашро фаро гирифта буданд.
Баркарории сулх ва вахдати миллӣ боис гашт, ки Точикистон хамчун давлат ва точикон хамчун миллат аз вартаи махвшавӣ рахо ёбанд. Бинобар ин, масъалаи сулху вахдат барои  давлату миллати мо на танхо масъалаи катъи низоъ ва расидан ба оштию хамзистӣ, балки масъалаи начоти миллат буд. Ва ин тархи начоти таърихии миллӣ махз бо сарварии Эмомалӣ Рахмон амалӣ шуд. Худи хамин хидмати беназир кофист, ки вай хамчун шахси муттахидкунандаи миллат ва пешвои вокеии мардуми Точикистон эътироф ва пазируфта шавад. Магар барои як давлат ва як миллат чизе болотар аз начот хаст?
Мухимтарин хусусияти шахсияти сиёсии Сарвари давлат дар он буд, ки дар симояш тамоми рӯхия ва хислатхои бехтарини халки точик ифода ёфта, ӯ дар мухити мардумӣ хамчун падидаи худӣ, хамчун бахше аз худи мардум, хамчун «порае аз пайкари халк» пазируфта шуд. Хамин тавр, бо зухури Эмомалӣ Рахмон мардуми Точикистон сохиби Пешвои ягонаи миллӣ гашт ва дар натича яке аз мухимтарин масъалахои миллӣ ва таърихии давлатдории мо, яъне масъалаи лидери сиёсии миллат, пешвои эътирофшудаи давлатӣ ё ташаккули давлатмард халли муносиби худро пайдо намуд. Ин дастоварди панчуми бунёдии тамоми мардуми шарифи Точикистон аст.
Дастоварди шашум ва бисёр хаётии Точикистон тахти сарварии Эмомалӣ Рахмон дар он аст, ки махз дар доираи мактаби давлатдории ӯ сохти нави давлатдории муосири точикон, яъне давлати демократии хукукбунёди дунявию ягона, поягузорӣ шуд. Ин гояи мехварӣ аз аввалин рӯз аз тарафи Рохбари тозаинтихоби кишвар хамчун хати харакатиояндаи Точикистон расман садо дод ва дар натичаи талошхои зиёд соли 1994 дар моддаи якуми Конститутсияи Чумхурии Точикистон барои хамеша сабт гашт.
Точикистон бо беш аз 140 кишвари чахон робитаи дипломатӣ баркарор намуда, узви комилхукуки беш аз  40 созмони байналмилалӣ мебошад.
Дар мавриди чойгохи байналмилалии Точикистон сухан ронда, зикр кардан зарур аст, ки кишвари мо як узви бемавкеъ ва ё назоратгари одии равандхои сиёсии байналмилалӣ набуда, балки сиёсати хоричии сохибташаббус   дорад. Махз бо пешниходи Эмомалӣ Рахмон Мачмаи умумии СММ соли 2003-ро «Соли байналмилалии оби тоза», солхои 2005 - 2015-ро Дахсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои хаёт» ва соли 2013 - ро «Соли байналмилалии хамкорӣ дар сохаи об», солхои 2018 - 2028 – ро Дахсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон намуд.
Мавкеи фаъоли Сарвари давлати Точикистон хусусан дар масъалахои минтакавӣ, аз чумла чалби таваччухи чомеаи чахонӣ ба халли вокеии бухрони Афгонистон, барои хамагон маълум ва равшан аст. Пешниходи рохбарияти Олии Точикистон дар бораи ташкили навори субот дар атрофи Афгонистон, ки ханӯз 15 сол пештар аз минбари СММ

садо дода буд, имрӯз низ хамчун сахехтарин формулаи халли бухрони Афгонистон бокӣ мемонад.
Хамин тавр, имрӯз бо камоли ифтихор метавон гуфт, ки Чумхурии Точикистон хамчун кишвари мустакили сохибихтиёр чойгохи муносиб ва сазовори худро дар арсаи байналмилалӣ пайдо кардааст. Ин тантанаи як ормони хазорсолаи миллати точик аст, ки хушбахтона, зери рохбарии Эмомалӣ Рахмон чомаи амал пӯшид.
Агар ин дастовардхои усулиро канори хам гузорем, метавон гуфт, ки дар натичаи фаъолияти чиддӣ ва бисёрсамтаи Эмомалӣ Рахмон давлатдории миллии точикон аз вартаи нобудӣ начот ёфт, тамомияти арзии Точикистон хамчун давлати ягона хифз шуд, аркони асосии сиёсӣ, идорӣ ва кудратии давлатдории миллии мо эхё ва баркарор гашт, миллати точик хамчун вохиди ягонаи сиёсию этнофархангӣ эхё ва хифз гардид, вахдати миллӣ дар Точикистон таъмин шуд, зерсохторхои зарурии вахдати миллӣ баркарор гардиданд, сохти давлатӣ ва самти сиёсии давлатдории точикон дар замони муосир мушаххас шуд, сохахои асосии хочагии халки мамлакат баркарор гашт ва, нихоят, Точикистон хамчун давлати сохибистиклол чойгохи устувори худро дар арсаи байналмилалӣ касб намуд.
Дар Точикистони имрӯза чонибдорӣ аз Эмомалӣ Рахмон маънои васеътар аз чонибдорӣ аз  як шахсро гирифтааст, балки чонибдорӣ аз ӯ ба маънои чонибдорӣ аз ояндаи устувори давлатдории миллӣ, аз истиклолияти сиёсӣ ва фикрии миллат, аз низоми давлатдорӣ, аз суботу амнияти чомеа ва чонибдорӣ аз вахдату сарчамъии миллат мебошад.
Ин холати нодирест, ки мардум ба рохбари худ хамчун ба худ, балки бештар аз худ бовар ва эътимод дорад. Ин аст мохияти Пешвои миллат будан. Ин аст мохияти ба таври вокеӣ ва ба таври комилан табиӣ Пешвои миллат будани Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон.
Бо назардошти хизматхои беназири Асосгузори сулху вахдати миллӣ -  Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар сохтмони давлати миллӣ, мухофизати тамомияти арзӣ ва бунёди давлати демократӣ, хукукбунёд, дунявӣ, ичтимоӣ ва ягона,катъи чанги тахмилии дохилӣ, истикрори сулху ризояти миллӣ дар кишвар, ки тачрибаи он дар сатхи Созмони  Милали Муттахид ибратомӯз дониста шудааст, пешниход менамоям, ки Президенти Чумхурии Точикистон, Пешвои эътирофшудаи точикони тамоми дунё Эмомалӣ Рахмон ба мукофоти байналмилалии Нобел пешниход ва сарфароз гардонда  шавад.

**Шариф САИД, ходими чамъиятии кишвар,**
**Корманди шоистаи Точикистон,**
**дорандаи медали тиллоии Кумитаи**
**байналмилалии сулх ва хамраъйӣ**